Рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ», Кооперативи илмию техникии «Бохтар»

# Чемпионати СССР

# 52

# Лигаи олӣ

31 августи соли 1989

## «Помир» — «Спартак»

Оғози бозӣ соати 19

footballprogs.net

Камол НАСРУЛЛО

# «ПОМИР», «ПОМИР»

Номи ту дорад
Ҳукми фалакҳо
Бояд чу номат
Бошӣ ту боло
Аз рӯҳи Рустам—
фотиҳаи пир,
Аз Рахши Рустам
зӯру тавон гир,

«Помир», «Помир»,
«Помир», «Помир»...

Бояд, ки бошад,
Фарзанди Помир
Ҳампои нахчир
Тозанда чун тир
Дар ҳамла чун шер,
Дар покӣ чун шир,
Дасташ ҷаҳонсоз,
рӯҳаш ҷаҳонгир,

«Помир», «Помир»,
«Помир», «Помир»...

Майдони мардон
Имрӯз аз туст,
Мардони майдон
Имрӯз аз туст.
Холе чу ахтар дар
дасти тақдир,
Онро чу ахтар аз осмон гир

«Помир», «Помир»,
Помир», «Помир»...

Ҷаҳду ҳунарро
Ширу шакар кун
Рӯи ҷаҳонро
Аз худ хабар кун.
Аз рӯҳи Рустам—
фотиҳаи пир,
Аз Рахши Рустам зӯру
тавон гир,

«Помир», «Помир»,
«Помир», «Помир»...

footballprogs.net

## «СПАРТАК» — ПЕШСАФИ МУСОБИҚА

Ҳарифи имрӯзаи «Помир» — «Спартак»-и Москва яке аз командаҳои машҳуру номдори футболи шуравист. Он соли 1922 таъсис ёфтааст. То соли 1935 МКС ном дошт. «Спартак» дар лигаи олӣ аз соли 1936 (ба ғайр аз соли 1977) ҳунарнамой мекунад.

**Дастовардҳои беҳтарин.** Команда дар чемпионатҳои солҳои 1936 (тирамоҳ), 1938, 1939, 1952, 1953, 1956, 1958, 1962, 1969, 1979, 1987 медалҳои тилло, солҳои 1937, 1954, 1955, 1963, 1968, 1974, 1980, 1981, 1984, 1985 медалҳои нуқра ва солҳои 1936 (баҳор), 1940, 1948, 1949, 1957, 1961, 1970, 1982, 1986 медалҳои биринҷиро соҳиб гаштааст.

«Спартак» нӯҳ бор (солҳои 1938, 1939, 1946, 1947, 1950, 1958, 1963, 1965, 1971) **Кубоки СССР-ро ба даст оварда,** солҳои 1948, 1952, 1957, 1972 ва 1981 дар финал бозӣ кардааст.

Команда ва бозингарони он, боз соҳиби бисёр мукофотҳо гардидаанд. Аз ҷумла, Евгений Ловчев ва Ринат Дасаев беҳтарин футболбозони СССР шудаанд. Р. Дасаев, ки ҳоло дар командаи «Севилья»-и Испания бозӣ мекунад, порсол беҳтарин дарвозабони ҷаҳон эътироф гардид. Аз рӯи натиҷаҳои порсола дарвозабон Р. Дасаев, ҳимоятгар В. Хидиятуллин (ҳоло дар клуби «Тулуза»-и Франция бозӣ мекунад), нимҳимоятгар Е. Кузнецов, ҳуҷумкунанда Ф. Черенков ба қатори 33 нафар футболбозони беҳтарини шуравӣ дохил шуданд.

Дар ин клуб дар чемпионати СССР аз ҳама бештар Игорь Нетто (367) бозӣ кардааст. Зарбазани беҳтарини команда дар бозиҳои чемпионат Никита Симонян буда, 133 тӯб задааст. Ӯ, инчунин, рекордсмени команда дар як мавсим аст (соли 1950 — 34 тӯб).

Қайд кардан ҷоиз аст, ки соли 1979 дар ҳайати «Спартак» собиқ бозингари «Помир» Эдгар Гесс ба унвони чемпиони СССР мушарраф шуд.

Комёбиҳои «Спартак» дар тӯли 12 соли охир ба собиқ сартренери команда, тренери шоистаи СССР, устоди шоистаи спорт Константин Иванович Бесков алоқаманд аст. Имсол команда таҳти сарварии собиқ бозингараш, устоди спорти СССР Олег Иванович Романцев бисёр хуб ҳунарнамой мекунад. Москвагиҳо аз оғози чемпионат дар ҷадвали мусобиқа пешсаф шуда, то ҳол зинаи аввалро ишғол мекунанд. Онҳо танҳо дар як бозӣ (дар даври 13-ум дар шаҳри Днепропетровск аз чемпиони СССР — «Днепр» бо ҳисоби 0:1) мағлуб гаштаанд. Команда барои гирифтани унвони чемпиони СССР довталаби асосист.

Ҳуҷумкунандаи моҳири «Спартак» Сергей Родионов дар мусобиқаи зарбазанҳои беҳтарини лига пешсаф аст.



footballprogs.net

## ИМРӮЗ — БОЗИИ ЧОРУМ

Футболбозони «Помир» ва «Спартак» бори аввал дувоздаҳ сол муқаддам вохӯрдаанд. Соли 1976 ғайричашмдошт «Спартак» аз лигаи олӣ афтид ва соли 1977 дар лигаи якум бозӣ кард. Он сол футболбозони Душанбе ва Маскав ду бор қувва озмуданд. Бозии аввал 11-уми май дар Маскав сурат гирифт. Бозӣ бо ғалабаи «Спартак» анҷом ёфт. Тӯбҳоро аз командаи «Спартак» М. Булгаков (дута), В. Гладилин, Г. Ярцев ва аз командаи «Помир» ҳарду тӯбро В. Турсунов зад.

Бозии дуюм 4-уми сентябри ҳамон сол дар Душанбе барпо гардида, бо ҳисоби 1:1 ба охир расид. Тӯбҳоро М. Булгаков (ҷаримаи 11-метра) ва А. Тарбаев заданд. Ин ҳисобро аз табло рӯзноманигор Мақсуд Ҳусейн ҳамон вақт акс карда буд.




Бозии аввалини ин командаҳо дар лигаи олӣ 4-уми июни соли равон дар Стадиони марказии ба номи В. И. Ленини Маскав сурат гирифт. Футболбозони «Спартак» бо ҳисоби калон — 6:2 ғалаба карданд. Ҳисобро дар дақиқаи 6-ум В. Шмаров кушод. Баъди чордаҳ дақиқа Ф. Черенков тӯби дуюмро ба дарвозаи меҳмонон зад. Дар дақиқаи 32-юм С. Родионов ҷаримаи 11-метраро ба нишон расонд. Пеш аз танаффус Е. Кузнецов тӯби чорумро зад.

Дар қисми дуюм душанбегиҳо фаъол шуданд. Нимҳимоятгар В. Заздравных дар дақиқаи 59-ум ҳисобро тағйир дод. Баъди 20 дақиқа ба С. Новиков муяссар шуд, ки ҳуҷуми «Спартак»-ро бо гол анҷом диҳад. Ду дақиқа қабл аз анҷоми бозӣ командаҳо ба дарвозаи якдигар боз яктӯбӣ заданд: аввал ҳуҷумкунандаи «Помир» Р. Забиров тӯб зад, баъд бозингари «Спартак» С. Родионов.

Инак, имрӯз командаҳои «Помир» ва «Спартак» расман бори чорум бо ҳам қувва меозмоянд. Яке барои унвони чемпионӣ мубориза мебарад, дигаре барои дар лигаи олӣ мондан. Аз ин рӯ, бозии имрӯза, бешак, шавқовару пуршиддат хоҳад гузашт.

## ЗАРБАЗАНИ БЕҲТАРИНИ ШУРАВӢ

Дар байни зарбазанҳои беҳтарини командаҳои лигаи олӣ то соли 1985 Никита Симонян пешсаф буд. Вай соли 1950 дар бозиҳои чемпионати мамлакат 34 тӯб задааст. Танҳо баъди 35 сол ба ҳуҷумкунандаи командаи «Днепр» Олег Протасов (ҳоло ӯ дар командаи «Динамо»-и Киев бозӣ мекунад) муяссар шуд, ки 35 тӯб зада, аз байни футболбозони шуравӣ аввалин шуда ба гирифтани мукофоти ҳафтаномаи «Франс футбол» «Бутсии нуқрагин» сазовор гардад.

## ҲАМ АЗ БОҒУ ҲАМ АЗ РОҒ

Бозӣ бо ҳисоби 0:0 ба фоидаи... довар анҷом ёфт.

* * *

Ҳуҷумкунанда аз... болочӯби дарвоза гузашт.

* * *

Довар ба дарвозаи «Помир» зарбаи ҷаримавии якчандметра таъин кард.

* * *

...Зарбаи Муҳаммадиев: чӯб аз паҳлутӯби дарвоза гузашт.



footballprogs.net

Чунин лаҳзаҳо — муноқишаи довару бозингарон дар чемпионати имсола қариб рӯйдоди муқаррарӣ шудаанд ва ба ин кор, афсӯс, ки аксаран доварон боис мегарданд. Дар сурат лаҳзае аз бозии «Спартак» бо «Динамо»-и Москва акс ёфтааст. Бозингарони «Спартак» бо ёрдамчии сардовар Ю Хлопотнов аз он сабаб мунoқиша доранд, ки ӯ тӯби задаи Черенковро ҳисоб накард. Ба ақидаи ӯ Черенков вақти зарбазанӣ дар ҳолати нобозӣ буд Вале баъди бозӣ инспектори он И Волчок чандин маротиба видеосабтро тамошо карда, қатъӣ гуфт: ҳолати нобозӣ набуд»



## БАРОДАРОНИ ФУТБОЛБОЗ

Соли 1936 дар чемпионати баҳоронаи СССР дар командаи «Спартак»-и Москва чор бародар — Александр, Андрей, Николай ва Пётр Старостинҳо ҳунарнамоӣ мекарданд. Яке аз онҳо устоди шоистаи варзиш Николай Петрович Старостин солҳои зиёдест, ки сардори командаи «Спартак» аст.

Се бародар — Виктор, Василий ва Георгий Жарковҳо дар командаи «Торпедо»-и Москва, Борис, Валентин ва Евгений Шелагинҳо дар командаҳои Ленинград бозӣ кардаанд.

Ҳунарнамоии ду бародари футболбоз дар як команда бисёр мушоҳида шудааст. Чунин бозингарон, хусусан, дар командаи «Динамо»-и Тифлис бештар будаанд. Дар ҳайати он бародарон Гайоз ва Спартак Ҷеҷелаваҳо, Борис ва Автандил Пайчадзеҳо, Константин ва Николай Гагнидзеҳо, Александр ва Сергей Котрикадзеҳо, Гиви ва Леван Нодияҳо, Манучар ва Гоча Мачаидзеҳо ҳунарнамоӣ кардаанд.

Дар командаи «Шахтёр»-и Донецк бародарони дарвозабон Виктор ва Вячеслав Чановҳо бозӣ мекарданд, ки баъдтар ба командаҳои дигар рафтанд. Шарафи командаи «Нефтчӣ»-и Бокуро бародарон Фузулӣ ва Искандар Ҷаводовҳо, «Зенит»-и Ленинградро Сергей ва Олег Кузнецовҳо, «Торпедо»-и Москварo Юрий ва Николай Савичевҳо ҳимоя мекунанд.

Бародарон Александр ва Виктор Пономарёвҳо якҷоя 180 тӯб, Борис ва Автандил Пайчадзеҳо — 113, Пётр ва Николай Дементьевҳо — 110, Гиви ва Леван Нодияҳо — 104, Георгий ва Василий Жарковҳо — 77, Гайоз ва Спартак Ҷеҷелаваҳо 76 тӯб задаанд.



footballprogs.net

**Ҳаким Фузайлов:**

# «БА «ПОМИР» СОДИҚАМ»

**Ҳимоятгари «Помир», устоди спорти СССР Ҳаким Фузайлов ягона футболбозест, ки имсол дар ҳамаи бозиҳои тақвимии чемпионат ширкат варзида, боре ҳам иваз нашудааст. Воқеан дар чемпионати порсола низ ин ҳимоятгари моҳир дар ҳамаи бозиҳо иштирок карда, дар комёбиҳои «Помир» саҳми арзанда дошт.**

**Мувофиқи хоҳиши мухлисон хабарнигори мо бо Ҳ. Фузайлов ҳамсӯҳбат шуд.**

**— Хуб мешуд, аввалан, дар бораи худ ва аҳли оилаатон чанд сухан мегуфтед.**




— 12 августи соли 1964 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудаам. То синфи панҷум дар мактаби миёнаи рақами 23-и пойтахт таҳсил кардам. Баъд падарамро ба кор ба шаҳри Қӯрғонтеппа фиристоданд, оиламон ба он ҷо кӯчид. Соли 1981 мактаби миёнаи рақами 16-и ин шаҳрҳо хатм намудам. Ду сол (1982—1983) дар командаи «Вахш» бозӣ кардам. Сипас, ба хидмати аскарӣ даъват шудам. Хизматро дар шаҳри Тошкент ба ҷо овардам. Дар командаи «Динамо»-и Тошкент дар чемпионати Ӯзбекистон бозӣ мекардам. Баъди адои хизмат моҳи январи соли 1986 Шариф Назаров ба командаи «Помир» даъватам намуд.

Дар курси чоруми факультети педагогии Донишкадаи варзиши Тоҷикистон таҳсил мекунам. Котиби ташкилоти комсомолии командаам.

Падарам дар риштаи роҳи оҳан кор мекард, ҳоло нафақахӯр. Модарам ҳашт фарзандро ба воя расондааст. Ман дар оила фарзанди сеюмам.

**— Ба ғайр аз шумо боз дар оилаатон футболбоз ҳаст?**

— Бале. Бародари калониам Наим солҳои 1979—1980 дар командаи «Вахш» бозӣ мекард. Бародари хурдиам Раҳмат ҳоло дар синфи ҳаштуми мактаб-интернати республикавии тамоили спортӣ таҳсил ва таҳти сарварии Юрий Карамян машқ мекунад.

**— Тренери аввалинатон кӣ буд?**

— Дар мактаби спортии бачагону наврасони шаҳри Қӯрғонтеппа аз Владимир Морозов ва Юрий Федосов нозукиҳои футболро ёд гирифтам. Дар командаи яккачини «Захираҳои меҳнатӣ» таҳти роҳбарии тренерон Сергей Носиров ва Арсен Петросов, дар командаи яккачини наврасони республика таҳти сарварии Олим Абдуллоев машқ мекардам.

**— Ақидаи Шумо нисбат ба тренерони ҳозираи «Помир» чӣ гуна аст?**



footballprogs.net

— Бояд гуфт, ки тренеронамон ба мисли мо дар лигаи олӣ таҷриба надоранд. Аз ин рӯ, дар нимаи аввали чемпионат моро мушкилиҳои зиёд пеш омад. Баъзан ҳамдигарро хуб намефаҳмидем. Вале ҳоло, хусусан баъди ба команда ҳамчун мушовир даъват шудани мутахассиси ботаҷрибаю кордон Вячеслав Дмитриевич Соловьёв корамон андак барор гирифт.

**— Бозии аввалинатонро дар ҳайати «Помир» ёд доред?**

— Албатта. 12 апрели соли 1986 дар даври чоруми чемпионат понздаҳ дақиқа қабл аз анҷоми бозии «Помир» — СКА «Карпаты» Виктор Дергачёвро иваз намудам. Ҳисоб 2:1 ба фоидаи меҳмонон буд. Баъди се дақиқа ба ман муяссар шуд, ки ҳисобро баробар кунам.

**— Шуморо ба ягон командаи дигар даъват кардаанд?**

— Имсол ба командаи «Пахтакор»-и Тошкент даъват намуданд, вале рад кардам. Аз командаи «Помир» дил канда наметавонам ва намехоҳам, ҳамеша ба он содиқ хоҳам монд.

**— Бозии кадом футболбозони ҳозира ба шумо писанд аст?**

— Бозии Марко ван Бастен ва Фёдор Черенков. Аз командаи «Помир» бозии Рашид Раҳимовро меписандам. Умуман, Рашид Раҳимовро чун Абдулло Муродов, ки ҷойгири ӯ шудам, устоди худ мешуморам. Аз ҳарду бисьёр омӯхтаам.

**— Кадом бозии имсолаи «Помир» бароятон фаромӯшнашаванда аст?**

— Бозӣ бо «Локомотив» дар шаҳри Маскав. Ғалаба ба мо рӯҳи тоза бахшид, ба қувваамон бовар ҳосил кардем. Ин буд, ки баъди барор дар ин вохӯрӣ пай ҳам дар ду бозии дигар ғолиб омада, мавқеамонро дар ҷадвал беҳтар намудем.

**— Ба фикри шумо, «Помир» дар лигаи олӣ мемонад?**

— Бегуфтугӯ. Аз рӯи ҳисоби пешакиам дар бозиҳои боқимонда мо камаш бояд 6—7 холи дигар гирем, ки ин барои дар лигаи олӣ мондан кофист.

**— Кадом командаҳо ба фикри Шумо, лигаи олиро тарк мекунанд?**

— Ба ақидаи ман «Зенит» ва «Локомотив».

**— Вақтҳои фориғ аз бозӣ бо чӣ корҳо машғулед?**

— Мутолиаи китобҳои бадеиро дӯст медорам. Хусусан ба хондани асарҳои Александр Дюма ва Садриддин Айнӣ мароқ дорам. Ҳамчунин, шунидани сурудҳои эрониро дӯст медорам.

**— Таьоми дӯстдоштаатон кадом аст?**

— Оши палав. Махсусан, оши палаве, ки акаи Ашӯр — ошпази командаамон мепазад.

**— Ҳаким, мо медонем, ки Шумо дар солҳои ҳунарнамоиатон дар командаи «Помир» танҳо як бор огоҳӣ гирифтаед (соли 1988 дар Душанбе, дар бозии «Помир» бо «Котайк»). Барои ҳимоятгар ин натиҷа, гуфтан мумкин, ки нодир аст. Сирри ин комёбиатон дар чист?**

— Рафтори ношояму дағалӣ хоси варзишгари ҳақиқӣ нест. Ман дар ҳама ҳолат кӯшиш мекунам, ки нисбат ба ҳариф хушмуомилаю хайрхоҳ бошам. Бо довар баҳсу мунозираро (ҳарчанд ӯ ноҳақ бошад ҳам) ба худ раво намебинам, зеро вай ҳеҷ гоҳ ҳукмашро дигар намекунад.

**— Бозии имрӯзаи «Помир» бо «Спартак», ба фикри шумо, бо кадом ҳисоб анҷом меёбад?**

— Пешгӯиро дӯст намедорам. Вале ҳаминашро медонам, ки бозӣ хеле шавқовару пурмазмун хоҳад гузашт.

**— Чӣ орзуҳо доред?**

— Орзу дорам дар ҳайати «Помир» соли оянда боз дар лигаи олӣ бозӣ кунам, донишкадаро хатм намоям, соҳиби хонаи алоҳида шавам. Ҳоло ҳамроҳи Рустам Забиров ва Бахтиёр Бозоров дар як хона зиндагӣ мекунем.

**— Оиладор нашудаед?**

— Не, рӯзҳои наздик бояд соҳиби хонаи алоҳидаи дуҳуҷрадор шавам. Он вақт дар хусуси оиладоршавӣ фикр хоҳам кард.

**— Бигузор орзуҳоятон амалӣ шаванд.**

— Ташаккур.

# ҲАЗЛҲОИ МУХЛИСОНА

## БА РАШИД РАҲИМОВ

Мухлисонатро писанд афтода ҳар кирдори ту,
Ҳар замон афтодани даркору нодаркори ту.
Баски афтидан зи лига баҳри ту беномусист,
Дар сари ҳар тӯб ҷонбозӣ бувад рафтори ту.

## БА ВАЛЕРИЙ ЗАЗДРАВНЫХ

Марав аз мо, ки холӣ мешавад дар қалбҳо ҷоят,
Марав аз мо, ки амсолат ҳунарманде ба мо бояд.
Маҳӯр ғам аз ғами бехонагӣ, мо низ беҷоем.
Марав аз мо, Валера, садқаи он зарбаи поят.

## БА МӮҲСИН МУҲАММАДИЕВ

Рӯзе, ки сарат дуто намуданд,
Шояд, ки каме хато намуданд.
Моро ту чаро дигар ба бозӣ,
Ҷандон наменамой розӣ?
Бояд, ки кунун далер бошӣ,
Дар ҳамлагарӣ чу шер бошӣ.

## БА АНДРЕЙ МАНАННИКОВ

Тӯб фахри туст, фахратро ту осон сар мадеҳ,
Сар бидеҳ дар роҳи тӯбу тӯб ҷандон сар мадеҳ.
Ин замон дарвозаро дарвозаи нангат бидон
Нангу номусе ба дасти туст, эй дарвозабон!

**Саъдулло МӮСО.**



— Ман-ку аз хастагӣ худро партофтам, ба ту чӣ шуд?
— Ман аз он сабаб афтидам, ки барои афтидани ту довар аз майдон пешам накунад.

## САТРҲОИ МАРОҚАНГЕЗ

● Соли 1863 дар Англия лигаи футбол таъсис ёфт. Он вақт дар хати ҳуҷум ҳашт нафар, дар хатҳои ҳимоя ва нимҳимоя, дарвоза якнафарӣ ҳунарнамой мекарданд.

● Бо даст бозӣ кардани дарвозабонро танҳо соли 1871 иҷозат доданд.

● Аввалин бозии байналмиллалӣ оид ба футбол соли 1872 байни командаҳои яккачини Англия ва Шотландия барпо гардид.

● Болочӯби дарвоза ба ивази ресмон, ки байни пахлучӯбҳо баста мешуд, соли 1875 пайдо шуд.

● Тӯри дарвозаи футбол аввалин бор соли 1891 ҳангоми бозии командаҳои яккачини Англияи Шимолӣ ва Англияи Ҷанубӣ ба кор бурда шуд.

● Қувваи зарбаи устоди футбол зиёда аз 1200 кг. қувваи зарбаи бозингари оддӣ 700 кг аст.

● Футболбоз дар як бозӣ қариб 15 километр давида, бо тӯб ба ҳисоби миёна панҷ дақиқа бозӣ мекунад. Ин, албатта, вақти кам аст. Вале бозингари «Динамо»-и Маскав Сергей Соловьёв соли 1948 дар зарфи 75 сония ба дарвозаи «Торпедо» се тӯб задааст!

● Тӯб ба дарвоза бо суръати 80 км дар 1 соат парвоз мекунад. Агар зарба ниҳоят сахт бошад, суръати тӯб дар 1 соат аз 100 км зиёд мешавад.

● Футболбоз дар як бозӣ 1—1,5 калория сарф карда, вазнашро аз якуним то панҷ килограмм гум мекунад.

## ҲАЙАТИ КОМАНДАҲО

### «ПОМИР»

№ 1 — Андрей Мананников (1965)
№ 2 — Ҳаким Фузайлов (1964)
№ 3 — Игорь Сартаков (1965)
№ 4 — Игорь Витютнев (1964)
№ 5 — Рашид Раҳимов (1963)
№ 6 — Игорь Лагутенко (1961)
№ 7 — Валерий Заздравных (1963)
№ 8 — Юрий Батуренко (1963)
№ 9 — Александр Азимов (1961)
№ 10 — Вазген Манасян (1958)
№ 11 — Мӯҳсин Муҳаммадиев (1966)

Капитан **Рашид Раҳимов**
Сартренер **Олег Хаби**

### «СПАРТАК»

№ 1 — Станислав Черчесов (1963
№ 2 — Юрий Суслопаров (1958)
№ 3 — Василий Кульков (1966)
№ 4 — Геннадий Морозов (1962)
№ 5 — Игорь Шалимов (1969)
№ 6 — Александр Бокий (1957)
№ 7 — Евгений Кузнецов (1961)
№ 8 — Виктор Пасулько (1961)
№ 9 — Валерий Шмаров (1965)
№ 10 — Фёдор Черенков (1959)
№ 11 — Сергей Родионов (1962)

Капитан **Фёдор Черенков**
Сартренер **Олег Романцев**

Сардовар — дов. дар. умум. **П. Кобычек** (Черновцы)
Ёрдамчиёнаш — дов. дар. умум. **В. Раздаев** (Кемерово)
дов. дар. респ. **А. Егоров** (Липецк)
Довар-инспектор — дов. дар. умум. **Г. Багдасаров** (Тошкент)

**ЭЗОҲ:** аз тағйирот дар ҳайати командаҳо ба воситаи радиои стадион хабардор мешавед.

## НАТИҶАҲОИ БОЗИҲОИ ДАВРИ 22-ЮМ

«Локомотив» — «Торпедо» 2:0
«Динамо (К) — «Ротор» 2:0
«Динамо» (Мн) — «Зенит» 1:1
«Шахтёр» — «Динамо» (М) 1:0
«Арарат» — «Черноморец» 3:1
«Спартак» — «Днепр» 2:1
«Динамо» (Тб) — «Помир» 1:1

## МАВҚЕИ КОМАНДАҲО ДАР ҶАДВАЛИ МУСОБИҚА ПАС АЗ 22 ДАВР

| | Б | Ғ | М | Б | Т | Х |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1. «Спартак»** | **22** | **14** | **7** | **1** | **42—14** | **35** |
| **2. «Жальгирис»** | **23** | **12** | **5** | **6** | **31—22** | **29** |
| **3. «Днепр»** | **22** | **12** | **4** | **6** | **30—22** | **28** |
| 4. «Динамо» К | 22 | 9 | 9 | 4 | 25—15 | 27 |
| 5. «Торпедо» | 22 | 8 | 9 | 5 | 22—15 | 25 |
| 6. «Металлист» | 22 | 8 | 8 | 6 | 23—20 | 24 |
| 7. «Динамо» Мн | 22 | 9 | 5 | 8 | 27—23 | 23 |
| 8. «Черноморец» | 22 | 8 | 7 | 7 | 26—27 | 23 |
| 9. «Динамо» М | 22 | 7 | 8 | 7 | 26—21 | 22 |
| 10. «Помир» | 22 | 6 | 7 | 9 | 17—27 | 19 |
| 11. «Арарат» | 22 | 7 | 4 | 11 | 21—31 | 18 |
| 12. «Ротор» | 21 | 6 | 6 | 9 | 18—23 | 18 |
| 13. «Шахтер» | 22 | 7 | 3 | 12 | 16—23 | 17 |
| 14. «Динамо» Тб | 21 | 4 | 9 | 8 | 17—22 | 17 |
| **15. «Зенит»** | **23** | **3** | **8** | **12** | **15—37** | **14** |
| **16. «Локомотив»** | **22** | **4** | **5** | **13** | **12—26** | **13** |

## ДАР ДАВРИ 23-ЮМ КОМАНДАҲОИЗЕРИН БО ҲАМ БОЗӢ МЕКУНАНД:

**30 август**

«Арарат» — «Динамо» (М)
«Динамо» (Тб) — «Черноморец»
«Локомотив» — «Ротор»
«Динамо» (К) — «Торпедо»
«Динамо» (Мн) — «Металлист»

**31 август**

«Помир» — «Спартак»
«Шахтёр» — «Днепр»

## БАРОИ КУБОКИ ИТТИФОҚИ ЛИГАҲОИ ФУТБОЛ

**Чорякфинал**

«Динамо» (Мн) — «Черноморец»

**4 сентябрь**

«Днепр» — «Торпедо»
«Динамо» (М) — «Ротор»

**5 сентябрь**

«Шахтёр» — «Помир»

**Муаллиф ва таҳиягар Нарзулло Латифов.**
**Муҳаррир ва масъули чоп Имом Назар.**

**Бозиҳои боқимондаи «Помир»**

**дар чемпионати 52-юми СССР**

31 август, панҷшанбе
**«Помир» — «Спартак»**

9 сентябрь, шанбе
**«Днепр» — «Помир»**

17 сентябрь, якшанбе
**«Черноморец» — «Помир»**

23 сентябрь, шанбе
**«Помир» — «Динамо» М.**

1 октябрь, якшанбе
**«Торпедо» — «Помир»**

14 октябрь, шанбе
**«Помир» — «Зенит»**

22 октябрь, якшанбе
**«Ротор» — «Помир»**

27 октябрь, ҷумъа
**«Помир» — «Металлист».**


## БА ТАВАҶҶӮҲИ МУХЛИСОН!

Агар хоҳед, ки сари вақт аз натиҷаи бозиҳои «Помир», ҳамчунин, мунтазам аз вазъи команда ва аҳволи бозингарони он бохабар бошед, ба рӯзномаи

**ТОҶИКИСТОНИ СОВЕТӢ**

ОБУНА ШАВЕД

Соли 1990, инчунин, ки ба футбол чемпионати ҷаҳон баргузор мешавад ва рӯзнома Шуморо аз рафти он мунтазам воқиф мекунад.

Индекси обуна: 68877

Нархи обуна: барои як сол — 7 сӯму 80 тин;
барои ним сол — 3 сӯму 90 тин.



Матбааи Нашриёти КМ ПК Тоҷикистон, с. 1989. супориши 894
Адади нашр 10.000. КЛ 02586. Нархаш 30 тин.


footballprogs.net

footballprogs.net
footballprogs.net
footballprogs.net